Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

### Дар бораи Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади такмил додани низоми миллии дастгирӣ, рушд ва ҳифзу ҳимояи моликияти зеҳнӣ ва идоракунии он, фароҳам овардани шароити мусоид барои истифода ва тиҷоратигардонии объектҳои моликияти зеҳнӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва ихтироъкорӣ, фаъолияти эҷодӣ, мустаҳкамгардонии афзалияти дастовардҳои илмӣ ва техникии олимон ва мутахассисони ватанӣ, пешгирии гардиши маҳсулоти қочоқ ва қалбакӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Барномаи мазкур дар доираи маблағҳои ҳамасолаи дар Буҷети давлатӣ пешбининамудаи худ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҳар сол то 1 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси<br>
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 декабри соли 2012, № 687<br>
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати<br>
Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>
аз 3 декабри соли 2012,<br>
№ 687 тасдиқ шудааст

## БАРНОМАИ
### рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020

### Муқаддима

1. Асоси таҳияи Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 (минбаъд - Барнома)-ро банди 22 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012, № 34 "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва вазифаҳо дар соли 2012" ва банди 16 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ бахшида ба Рӯзи дониш дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (1 сентябри

соли 2011) ташкил медиҳад.

2. Барнома аз маҷмӯи қисмҳои қонунгузорӣ, сохторӣ, ташкилӣ ва вазифавӣ иборат мебошад, ки онҳо дастгирӣ ва рушди фаъолияти зеҳнӣ, ҳифзи самараноки моликияти зеҳниро таъмин мекунанд.

## 1. Тавзеҳи зарурати қабули Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020

3. Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави инкишофи ҷомеаи тоҷик оғоз ёфт. Давлатро зарурат пеш омад, ки ба масъалаи рушди нерӯи ақлонӣ ва моликияти зеҳнӣ диққати махсус диҳад. Дар ҷаҳони муосир, вақте ки илм ва технология бо суръат рушд мекунанд, рушди нерӯи зеҳнӣ ва моликияти зеҳнӣ дар ҳар як мамлакат гарави таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди иқтисодиёти инноватсионии он мебошад. Вазифаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариши марҳила ба марҳилаи иқтисодиёт ба роҳи инноватсионии рушд мебошад ва вобаста ба ин сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳавасмандгардонии рушди нерӯи инсон ва эҷодиёти зеҳнӣ нигаронида шудааст.

Солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати мамлакат чораҳое оид ба дастгирии неруи зеҳнӣ, рушди фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсионӣ, фаъолияти эҷодӣ, ҳифзи моликияти зеҳнӣ андешида шудаанд. Ҳуҷҷати муайянкунанда дар ин соҳа Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар моддаи 40 он омадааст: "Ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад. Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст".

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Низоми миллии ҳифзи моликияти зеҳнӣ таъсис ёфта ва он амал мекунад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 1993, № 242 бо мақсади ҳимояи манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, ҳамоҳангсозии корҳои ихтироъкорӣ дар ҷумҳурӣ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоотӣ таъсис дода шуда буд. Ҳамчунин ба мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии муаллифон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи асарҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 604 дар назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста таъсис дода шудааст.

Дар ин самт бештар аз 18 қонун ва 9 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд, ки ба меъёрҳои кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - гражданӣ, ҷиноӣ, гумрукӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ -мувофиқ меоянд. Ҳамчунин даҳҳо санадҳои меъёрии зерқонунӣ дар намуди низомномаю қоидаҳо низ қабул гардидаанд, ки муносибатҳоро нисбат ба объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ аниқ намуда, сиёсати давлатиро дар соҳаи илм муайян мекунанд ва ба дастгирии нерӯи илмӣ ва таҳқиқоти илмии афзалиятдошта, фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсионӣ, андешидани чораҳо оид ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника";
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон";
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ";

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015";

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи "Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015";

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015";

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020";

Дар ин ҳуҷҷатҳо ба андозаи муайян ҷиҳатҳое низ инъикос гардидаанд, ки ба масъалаҳои рушди инноватсионӣ дар мамлакат, ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ муносибати бевосита доранд. Масалан, дар Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, дар қисми 5 "Ҷалби нерӯи илмӣ дар равандҳои инноватсионӣ" таваҷҷӯҳ ба зарурати қабули чораҳо оид ба беҳтарсозии тамоми низоми фаъолияти ихтироъкорӣ дар мамлакат махсусан таъкид карда шудааст: "Бо дарназардошти он, ки фаъолияти ихтироъкорӣ ва истифодаи амалии ихтироъот яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи фаъолияти инноватсионӣ мебошад, лозим меояд, ки барои беҳтарсозии ташкили таҳқиқоти патентӣ, корҳои патентии ҳуқуқӣ ва литсензионӣ, дастгирии олимон ва кормандони илмию техникӣ, ки ба фаъолияти ихтироъкорӣ машғуланд, корҳои зиёде ба сомон расонида шаванд".

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳое низ қабул гардидаанд, ки баъзе намудҳои фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсиониро ба танзим медароранд, аз ҷумла:

- "Дар бораи дастовардҳои селексионии растаниҳо";
- "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он";
- "Дар бораи намунаҳои саноатӣ";
- "Дар бораи ихтироот";
- "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ";
- "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол";
- "Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ";
- "Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ";
- "Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ";
- "Дар бораи тухмипарварӣ";
- "Дар бораи ҳифзи навъҳо".

Дар қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон боби "Моликияти зеҳнӣ" ворид карда шудааст.

Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо дарназардошти стандарт ва меъёрҳои байналмилалӣ имкон доданд, ки дар ҷумҳурӣ барои ташаккул ва фаъолияти низоми мақсаднок ва фарогири қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини рушди пайдарпаи моликияти зеҳнӣ замина ба вуҷуд оварда шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба ҳифз ва идоракунии моликияти зеҳнӣ шомил гардид, ҳамчунин як қатор созишномаю конвенсия ва шартномаҳои байналмилалиро, ки масъалаҳои ҳифзи моликияти зеҳниро ба танзим медароранд, имзо намуд ва ба онҳо ҳамроҳ шуд, аз ҷумла:

- Конвенсияи Стокголм, ки Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳниро таъсис дод (1967);
- Конвенсияи Париж дар бораи ҳифзи моликияти саноатӣ (1883);
- Шартнома оид ба шарикии патентӣ (1970);

- Созишномаи Страсбург дар бораи таснифи байналмилалии патентӣ (1971);

- Созишномаи Нитсш дар бораи Таснифи байналмилалии молҳо ва хизматҳо барои бақайдгирии тамғаҳо (1957);

- Созишномаи Локарн, ки таснифи байналмилалии намунаҳои саноатиро муқаррар кардааст (1968);

- Шартномаи Будапешт дар бораи эътирофи байналмилалии маҳфуздории микроорганизмҳо бо мақсади расмиёти патентӣ (1977);

- Созишномаи Мадрид дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо (1891);

- Конвенсияи умумиҷаҳонӣ дар бораи ҳуқуқи муаллиф (1952);

- Конвенсияи Берн дар бораи ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадей (соли 1886);

- Созишнома дар бораи тадбирҳои ҳифзи моликияти саноатӣ ва таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи моликияти саноатӣ (соли 1993);

- Ташкилоти авруосиёии патентӣ (1994);

- Конвенсия оид ба ҳифзи манфиатҳои иҷрочиён, офарандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои барномаи эфирӣ (Рим, 1981);

- Аҳдномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф (Женева, 1966);

- Аҳдномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба иҷро ва фонограммаҳо (Женева,1966).

5. Табиист, ки фаъолияти зеҳнӣ ба такмили доимии заминаи меъёрии ҳуқуқие ниёз дорад, ки ин фаъолиятро ба танзим дарорад. Бо мурури солҳо, дар рафти амалишавии Барнома зарурати таҳияи санадҳои нави қонунгузорӣ ба миён омада, ба қонунгузорӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаи иқтисодиёт бо дарназардошти таҷрибаи аллакай андӯхтаи фаъолияти низоми меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили амалия, самаранокии татбиқ ва тамоюли рушди қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсионӣ дар давлатҳои дигар тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

Ба мақсади тафсири ҳолат ва ҷараёни рушди нерӯи зеҳнӣ ва инноватсионӣ ва самаранокии ҷамъбастии соҳаи илмию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъзе индикаторҳоеро (нишониҳандаҳоеро) таҳлил менамоем, ки онҳо дар амалияи ҷаҳонӣ ҷиҳати истифода қабул шудаанд.

Дар айни замон хароҷоти дохилӣ ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 0,12 фоизро аз Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) ташкил медиҳад. Дар давлатҳои мутараққӣ бошад, он дар ҳудуди 1-3 фоиз аз ММД қарор дорад. Бояд зикр намуд, ки хароҷот ба илм дар мамлакати мо ба таври доимӣ меафзояд: дар соли 2011 агар он 38 миллиону 150 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2012 он ба 50 миллиону 900 ҳазор сомонӣ расидааст. Вале, бо вуҷуди ин таъмини молиявии таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ ҳамоно нокифоя боқӣ мемонад.

Тибқи маълумотҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати то 31 декабри соли 2011 дар ҷумҳурӣ дар соҳаи илм 5756 нафар кормандони илмӣ фаъолият менамуданд, ки аз онҳо 2195 нафар соҳиби дараҷаи илмӣ (аз ҷумла, 630 нафар доктори илм ва 1565 нафар номзади илм) ва 2931 нафар бе дараҷаи илмӣ мебошанд. Тибқи маълумоти Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 дар 48 Шӯрои диссертатсионие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, 336 рисола, аз ҷумла 26 рисолаи докторӣ ва 310 рисолаи номзадӣ дифоъ карда шудаанд.

Ҳайати кормандоне, ки бо таҳқиқ ва такмили илм машғуланд, аз рӯи ҳисоби ба 10 ҳазор нафари машғул дар иқтисодиёт 24 нафарро ташкил

медиҳад.

Миқдори дархостҳои патентӣ ба ихтироот, ки аз тарафи дархосткунандагони миллӣ дар мамлакат пешниҳод шудаанд, дар соли 2008 - 113 адад, соли 2009 - 116 ададро ташкил дод. Мувофиқи маълумоти Комиссияи навъсанҷии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи навъи назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори патентҳо ба дастовардҳои селексионӣ дар соли 2011 - 13 адад, дар соли 2012 - 4 адад ва мувофиқан дар ин солҳо шаҳодатномаҳои муаллифӣ 66 ва 12 ададро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо нисбат ба мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта хеле паст мебошанд.

Оид ба имкониятҳои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ бояд қайд кард, ки амалан ҳамаи муассисаву ташкилотҳое, ки дар онҳо таҳқиқоти илмӣ гузаронида мешаванд, ба шабакаи Интернет дастрасӣ доранд.

6. Таъсири асноди меёърии ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида, ки асоси заминаи қонунгузории фаъолияти соҳаи моликияти зеҳниро ташкил медиҳанд, ҳамчунин шарҳи баъзе индикаторҳои (нишондиҳандаҳои) муҳими ҳолат ва рушди низоми моликияти зеҳнӣ дар мамлакати мо ва муқоисаи онҳо бо мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт мушкилиҳои ҳалталаб зиёданд. Ин мушкилотро ба мақсади ташаккул додани низоми муосири комил ва ба тарзи воқеӣ амалкунандаи моликияти зеҳнӣ, ки ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ бошад, ҳал бояд кард.

Ба ҷумлаи чунин мушкилот инҳоро мансуб донистан мумкин аст: сатҳи пасти татбиқи амалии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ; ҷалби сусти ҷавонон ба соҳаи эҷодиёти илмию техникӣ ва ихтироъкорӣ; ташаккул наёфтани низоми тайёр кардани мутахассисон дар идоракунии моликияти зеҳнӣ; сатҳи нокифояи ҳифзи ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ; самаранокии пасти тадбирҳо оид ба пешгирии гардиши маҳсулоти қочоқ ва қалбакӣ; норасоиҳо дар ҳамкории байниидоравӣ ва набудани ҳамоҳангии зарурӣ байни шарикҳо оид ба таъмини ҳимояи моликияти зеҳнӣ; истифодаи сусти имкониятҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ барои дастгирии низоми эҷодиёти зеҳнӣ;

Ҳолати воқеӣ ва мушкилоти мавҷуда дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, аҳамияте, ки татбиқи мақсадноки натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар гузариши иқтисодиёт ба роҳи инноватсионии рушд дошта метавонад, ҳамчунин манфиатҳои стратегии миллӣ зарурати қабули Барномаи рушди неҷӯ ва моликияти зеҳнии инсонро дар давраи то соли 2020 тақозо мекунанд.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои асосӣ ва иҷрокунандагони Барнома

7. Мақсади Барнома ин такмили низоми миллии дастгирӣ ва рушди моликияти зеҳнӣ, ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва идоракунии он, фароҳам овардани шароити мусоид барои истифода ва тиҷоратигардонии объектҳои моликияти зеҳнӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва ихтироъкорӣ, фаъолияти эҷодӣ, мустаҳкамгардонии афзалияти дастовардҳои илмӣ ва техникии олимон ва мутахассисони ватанӣ, пешгирии гардиши маҳсулоти қочоқ ва қалбакӣ мебошад.

8. Барои расидан ба мақсадҳои Барнома ҳал намудани вазифаҳои асосии зерин зарур аст:

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳифзи моликияти зеҳнӣ;
- такмили низоми идораи моликияти зеҳнӣ ва ҳифзи он, ташаккули инфрасохтори зарурӣ;
- чораандешӣ оид ба ҳимояи бозори ҷумҳурӣ аз густариш ва истифодаи маҳсулоти қочоқ ва қалбакӣ;
- тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ихтироъкорӣ ва ҷорӣ

намудани натиҷаҳои он дар гардиши иқтисодӣ;

- равнақ додани хадамот оид ба масъалаҳои моликияти зеҳнӣ дар вазорату идораҳо, муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ташкилоту корхонаҳо, таъмини ин хадамот бо мутахассисон;

- истифодаи таҷрибаи байналмилалии фаъолияти низоми ҳифзи моликияти зеҳнӣ.

9. Самтҳои асосии рушд ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва ихтироъкорӣ, рушди нерӯи зеҳнӣ;

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ;

- ташаккул ва рушди инфрасохтори низоми ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва идораи он;

- пешгирӣ ва бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;

- такмил ва равнақ додани низоми таҳсилот дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;

- ҳамкории байналмилалӣ оид ба рушди низоми моликияти зеҳнӣ.

10. Барои арзёбӣ кардани самаранокӣ ва натиҷадиҳии иҷрои чорабиниҳои Барнома нишондиҳандаҳои оморие истифода мешаванд, ки онҳо нерӯи зеҳнӣ ва омилҳои рушди он, объектҳо ва фаъолият дар соҳаи моликияти зеҳниро тавсиф медиҳанд.

11. Иҷрокунандагони Барнома вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии патенту иттилоот, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббии назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ, корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

## 3. Самтҳои асосии татбиқи Барнома

### § 1. Дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва ихтироъкорӣ, рушди нерӯи ақлонӣ

12. Натиҷаҳои назарраси эҷодиёт дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсон - илм ва технология, адабиёт, фарҳанг, истеҳсолот - бевосита ба сатҳи умумии зеҳнии ҷомеа, самаранокии низоми таҳсилот, ташаккули нерӯи илмӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди эҷодиёти ҷавонон алоқаманд аст. Маҳз дар давлатҳое, ки дар онҳо дар ин самт ба муваффақиятҳо ноил гардиданд, нишондиҳандаҳои моликияти зеҳнӣ бештар буда, иқтисодиёт бо роҳи инноватсионӣ тараққӣ мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти стратегӣ ба рушди низоми таҳсилот, такмили нерӯи илмию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи зеҳнии ҷомеа ҳамчун асос барои ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ равона карда шудааст.

Бинобар ин, он далел тасодуфӣ нест, ки дар солҳои охир Ҳукумати мамлакат якчанд асноди муҳими аҳамияти стратегӣ доштаро тасдиқ намуд: Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Ниҳоят боз як ҳуҷҷати муҳиме, ки нақш ва аҳамияти нерӯи зеҳниро дар рушди ҷомеа муайян мекунад, Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 мебошад.

Дар ин Барнома, бо мақсади инкишоф додани муқаррароти асосии

мавҷуда дар Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, чорабиниҳое муайян карда шудаанд, ки ба мутамарказгардонии захираҳо ва нерӯи илмӣ дар таҳқиқоти афзалиятдошта, яъне дар он таҳқиқоте, ки тавассути онҳо имконияти ба даст овардани далелҳои нави илмӣ ва ихтироот, тавлиди ғояҳои нави илмӣ ва донишҳои технологӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионии рақобатпазир, ҳавасмандгардонии фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсионӣ, тиҷоратигардонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва то татбиқи онҳо, фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҷодии олимон ва мутахассисони ҷавон зиёд аст, равона карда шудаанд.

13. Бо дарназардошти эҳтиёҷоти рушди иқтисодиёти мамлакат, махсусияти фаъолияти мактабҳои илмӣ, таҷрибаи амалии ҷаҳонии табдили донишҳои илмӣ ба технологияҳои рақобатпазир, ба ҷумлаи самтҳои илмӣ ва илмию технологӣ инҳоро мансуб донистан мумкин аст: нанотехнологияҳо ва наномавод; маводи филизии созандагӣ, маводи композитсионии полимерӣ; манбаъҳои барқароршавандаи энергия; усулҳои моделсозии математикии мӯътадилгардонии кори гидроузелҳо; биотехнология; селексияи навъҳои зироатҳои кишоварзӣ; технологияҳои биологии тиббӣ; ташхис, пешгирӣ ва табобати касалиҳои инсон; технологияи истеҳсоли доруҳои нави табобатӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ; пешгирии фоҷиаҳои табиӣ ва техногенӣ.

Аҳамияти бузургро барои мамлакати мо ҳалли масъалаҳои марбут ба дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии кори селексионерҳо, ки ба ҷорӣ намудани навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ ва зотҳои чорво, масъалаҳои танзим ва ҳифзи моликияти зеҳнии онҳо машғуланд, соҳиб аст. Нақши пешбарро дар иқтисодиёти мамлакат комплекси агросаноатӣ мебозад, бинобар ин, таваҷҷӯҳи махсусро ба асосҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ - селексияи навъҳои зироатҳои кишоварзӣ ва зотҳои чорво равона кардан зарур аст.

Дар Тоҷикистон навъҳои олии сатҳи ҷаҳонии пунбадона, гандум ҷуворимакка, зироатҳои хӯрока, мевагӣ ва сабзавотӣ ба даст оварда шудаанд. Навъҳои ватанӣ дар қисми зиёди масоҳатҳои киштбоби ҷумҳурӣ кишт мешаванд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ тағйироти ҷиддӣ дар комплекси агросаноатии мамлакат рӯй доданд, ки онҳо ба тамоми низоми селексияи навъҳои зироатҳои кишоварзӣ ва зотҳои чорво таъсир расониданд.

Тайи солҳои Истиқлолияти давлатӣ як қатор тадбирҳо ҷиҳати батартибдарорӣ ва дастгирии фаъолияти селексионӣ бо дарназардоштии тағйироте, ки дар комплекси агросаноатии мамлакат рӯй доданд, ҳамчунин талабот ва меъёрҳое, ки ба фаъолияти селексионӣ дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон ва ташкилотҳои байналмилалӣ пешниҳод шудаанд, қабул гардиданд.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тухмипарварӣ", "Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ" қабул карда шуданд. Тамоми корҳои ташкилӣ оид ба арзёбии дастовардҳои селексионӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани навъҳои нав, озмоиши онҳо дар қитъаҳои навъсанҷии давлатӣ, ноҳиябандӣ ва додани шаҳодатномаҳои муаллифӣ ба дастоварди селексионӣ ба зиммаи Комиссияи давлатии навъсанҷии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи навъи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

14. Дар доираи амалисозии Барнома дар солҳои наздик заруръаст, ки корҳои назаррасе оид ба такмили тамоми низоми фаъолияти селексионӣ, мувофиқ гардонидани он ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳифзи манфиатҳои селексионерҳои ватанӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ иҷро карда шаванд.

Пеш аз ҳама зарур аст, ки корҳои омодагӣ барои шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонӣ оид ба навъҳои растанӣ ва

ҳамроҳшавии он ба Конвенсияи ин Созмон идома дода шаванд. Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳо ба ҳифзи навъҳо ва ҳуқуқҳои селексионерҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, табодули навъҳо ва иттилооти илмӣ, шиносоӣ бо технология ва усулҳои нави селексия, таҳияи дурусти расмиёти муқарраргардида оид ба пардохти маблағ ба офарандагони навъҳо, мукофотдиҳӣ барои парвариши навъҳо мусоидат менамояд.

Ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи давлатии навъсанҷии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи навъҳо, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон зарур аст, ки оид ба роҳ надодан барои дар ҳудуди Тоҷикистон киштани тухмиҳои ноҳиябандинашуда, навъҳое, ки оид ба пайдоиши онҳо асноди мувофиқ вуҷуд надорад ё маҳсулоти қочоқ мебошанд, чораҳои муассир таҳия ва қабул намоянд. Набудани тартибот дар ин кор боиси омехташавии механикӣ ва ифлосгардонии навъҳои генотипии зироатҳои кишоварзӣ, пастшавии сифати маҳсулот гардида, навъҳо муаллифони худро гум мекунанд ва селексионерҳои ватанӣ бе ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба моликияти зеҳнӣ мемонанд.

Албатта, мубодилаи маводи генетикӣ ва муайян кардани имконияти кишти навъҳои селексияи хориҷӣ дар кишвари мо, ки аз рӯйи ҳосилнокӣ ва сифат аз навъҳои маҳаллӣ камӣ надоранд ва ё аз онҳо бартарӣ ҳам доранд, амалияи оддиест, ки дар тамоми давлатҳо татбиқ мешавад. Вале ин чорабиниҳоро дар муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон зери назорати Комиссияи давлатии навъсанҷии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудан мебояд. Танҳо ин муассисаҳо метавонанд оид ба имконияти кишти ин ё он навъ дар ҷумҳурӣ хулосаи дахлдор пешниҳод намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳалталаб муайян кардани тартиби аниқи муносибатҳо байни муаллифи навъ ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Талаб карда мешавад, ки бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ асноди зарурии меъёрии ҳуқуқӣ ва низомномаю шартномаҳои мувофиқ таҳия карда шаванд.

Муаллифони навъҳо бояд ба он эътимод дошта бошанд, ки моликияти зеҳнии онҳо зери ҳимоя қарор дорад ва барои истифодаи навъҳои офаридаи онҳо чӣ дар мамлакат ва чӣ дар хориҷ аз он ба онҳо бо тартиби муқарраргардида маблағи мувофиқ пардохт карда мешавад.

Пас аз коркарди ҷиддӣ ва ҳамаҷиҳатаи ин масъала зарур аст, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастовардҳои селексионии растаниҳо", "Оид ба тухмипарварӣ", "Оид ба ҳифзи навъҳои растаниҳо", тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд. Имкон дорад, ки ҳамаи ҷиҳатҳои ин масъала дар қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёбанд.

15. Дар доираи амалисозии Барнома пешбинӣ мегардад, ки барои фаъолгардонӣ ва пешгирии ихтироъкорӣ, такмили низоми ташкили таҳқиқоти патентӣ, корҳои патентии ҳуқуқӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар мамлакат бояд Маркази миллии патенту иттилоот, вазорату идораҳо, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ташкилоту корхонаҳо корҳои зиёдеро ба сомон расонанд.

Бояд ба назар гирифт, ки фаъолияти ихтироъкорӣ ва татбиқӣ амалии ихтироот яке аз омилҳои асосии пешрафти илмию техникӣ буданд, мебошанд ва хоҳанд буд. Ихтироъ қисми таркибии пешрафти инноватсионӣ мебошад, ки бе он рушди иқтисодиёти муосири инноватсионӣ тасаввурнашаванда аст.

Зимни арзёбӣ кардани фаъолияти вазорату идораҳо, муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корхонаву ташкилотҳо ва роҳбарони онҳо мебояд, ки аз нишондиҳандаи фаъолияти ихтироъкорӣ истифода карда

шавад.

## § 2. Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ

16. Фаъолияти зеҳнии инсон омили муайянкунадаи пайдоиш ва рушди ахлоқию моддии ҷомеаи инсонӣ, вазъи амволӣ ва некӯаҳволии моддии шахси алоҳида, ҷамъияту давлат ва ҳамчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ буд ва боқӣ мемонад. Вобаста ба ин, танзими ҳуқуқии ин соҳаи ҳаётан муҳим нишондиҳандаи зарурӣ ва афзалияти ҷамъияту давлат мебошад.

Ба дарки чунин муҳимияти фаъолияти зеҳнии инсон, дар ҳар як давлат асосҳои ҳуқуқии ҳифзи дастовардҳои зеҳнӣ таҳия карда шудаанд, ки мақсади онҳо ба фаъолияти эҷодӣ, фурӯхти тиҷоратии натиҷаҳои ин эҷодиёт ҳавасманд гардонидани одамон мебошад ва ин бешубҳа боиси рушди зеҳнӣ, беҳшавии ҳолати амволии онҳо мегардад ва, ниҳоят, ба устувории иқтисодии давлат бевосита таъсир карда, ба рушди иқтисодии он мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти зеҳнӣ, ҳамчунин таъмини рушди нерӯ сиёсати фаъолро оид ба фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати ҳифзи дастовардҳои зеҳнӣ дар ҳудуди худ амалӣ менамояд.

17. Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи зарурии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ мавҷуд аст, ки он аз асноди меъёрии ҳуқуқии сатҳ ва соҳаҳои гуногун иборат буда, дар давраҳои гуногуни истиқлолияти мамлакат таҳия ва қабул шудаанд. Зикр кардан зарур аст, ки асноди ҳуқуқӣ тибқи асноди ҳуқуқии байналмилалӣ ва аз рӯйи натиҷаҳои машваратҳои зарурӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ қабул карда шудаанд.

Албатта, асоси ҳуқуқии ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тибқи моддаи 40 он "Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст". Ҳамин тавр, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати ҷамъият ва давлатро нисбат ба моликияти зеҳнӣ муайян карда, мақомоти давлатиро ба таҳия ва қабули асноди меъёрии ҳуқуқии зарурии соҳа, ба вуҷуд овардани шароити мусоид ва иҷрои амалиётҳои қодир ба таъмини ҳифзи ин навъи моликият ҳидоят менамояд.

Дар асоси ин муқаррароти конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии минбаъдаи моликияти зеҳнӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногуне таъмин карда мешавад, ки онҳо хусусияти ҳуқуқи шахсӣ ва ҳуқуқи оммавӣ доранд.

Ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва танзими моликияти зеҳнӣ дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ ва махсуси қонунгузории граждани таъмин карда мешавад. Дар низоми қонунгузории граждани нақши муайянкунанда, умумӣ ва пешбар ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, ки дар он муқаррароти умумии ҳифз ва танзими моликияти зеҳнӣ баён карда шудаанд. Муқаррароти махсуси ҳифз ва танзими моликияти зеҳнӣ дар қонунҳои махсус ва санадҳои зерқонунӣ пешбинӣ гардидаанд. Санадҳои махсуси қонунгузории граждани аз рӯйи ниҳод (институт)-ҳо ё алоҳида ва гурӯҳи объектҳои ба ҳам монанди моликияти зеҳнӣ таҳия ва қабул карда шудаанд.

Ҳифзи ҳуқуки шахсӣ ва танзими моликияти зеҳниро ба таври аёнӣ дар ҷадвали зерин дидан мумкин аст:

| Ниҳодҳои моликияти зеҳнӣ | Объектҳои моликияти зеҳнӣ | Муқарраротиумумӣ | Муқаррароти махсус | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ҳуқуки муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста | Асар | Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳукуқҳои вобаста" | |
| | Овозхонӣ | | | |
| | Басаҳнагузорӣ | | | |
| | Сабтҳои овоз (фонограммаҳо) | | | |
| | Барномаҳои телевизионӣ | | | |
| Ҳуқуқи патентӣ | Ихтироъ | | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтироот" | Зарурати ҳифзи умумӣ ва танзими ҳамаи объектҳои ҳуқуқи патентӣ дар доираи Қонуни ягонаи патентӣ вуҷуд дорад |
| | Моделҳои муфид | | | |
| | Намунаи саноатӣ | | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи намунаҳои саноатӣ" | |
| Воситаҳои фардикунонӣ | Номгузории ширкатӣ | | | Зарурат доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи номгузориҳои ширкатӣ" вуҷуд дорад Зарурати ворид кардани иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ишорати тиҷоратӣ вуҷуд дорад |
| | Тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ | | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ" | |
| | Номгузории маҳалли истеҳсоли мол | | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ" | |
| | Ишорати тиҷоратӣ | | Муқаррароти махсус | |
| Объектҳои ғайрианъанавӣ | Сирри тиҷоратӣ ва хизматӣ | | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сирри тиҷоратӣ" | Зарурати ҳифзи умумӣ ва танзими ҳамаи дастовардҳои селексионӣ (навъи растаниҳо ва ҷинси чорво) |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Топологияи микросхемаҳои интегралӣ | | Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи топологияи интегралӣ" | дар доираи қонуни ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба дастовардҳои селекционӣ" вуҷуд дорад. Зарурати таҳияи самади меъёрии ҳуқуқӣ "Оид ба пешниҳодҳои оқилона", ҳамчунин "Оид ба кашфиёт" ба мақсади ҳавасмандгардонии он вуҷуд дорад |
| | Дастовардҳои селекционӣ | | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи навъҳои растанӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кори зотпарварӣ" | |
| | Пешниҳодҳои оқилона | | | |
| | Кашфиёт | | | |

Гузашта аз ин, ҳифзи хуқуқи оммавии моликияти зеҳнӣ бо меъёрҳои қонунҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- Кодекси ҷиноятӣ;
- Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ;
- Кодекси гумрук;
- Кодекси андоз.

Дар ин конунҳо меъёрҳои ҳуқуқие мавҷуданд, ки онҳо одатан амалҳои муайян ё тартиби ворид кардани объектҳои моликияти зеҳниро ба гардиши гражданӣ манъ менамоянд.

Объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҳифзи муносиби онҳо ба рушди танзими ҳуқуқии минтақавӣ ва байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар ин соҳаҳо ниёз доранд.

18. Дар айни замон дар сатҳҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ созишномаҳои зиёде тасдиқ шудаанд ва амал мекунанд, ки ба қоидаҳои асосии ниҳодҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ бахшида шудаанд. Нисбат ба баъзеи онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай муносибати худро муайян намудааст.

| Ниҳод (институтҳои моликияти зеҳнӣ | Санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ | Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон | Санадҳои минтақавии ҳуқуқӣ | Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои | Конвенсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф | Иштирокчӣ | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| вобаста | Конвенсияи Берн дар бораи ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадей | Иштирокчӣ | Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста | Иштирокчӣ | Такмил додани қонуни амалкунанда "Оид ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои ба он вобаста" зарур аст |
| | Шартномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба ҳукуқи муаллиф | Иштирокчӣ | Созишномаи ҳамкорӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ | Иштирокчӣ | |
| | Конвенсияи Рим оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои иҷрокунандагон, офарандагони фонограммаҳо ва ташкили барномаҳои эфирӣ | Иштирокчӣ | Созишнома оид ба ташкили мубодилаи байнидавлатии иттилоот ва ташаккули захираҳои миллии маълумоти ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои ба он вобаста | Иштирокчӣ | |
| | Шартномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба иҷро ва фонограммаҳо | Иштирокчӣ | | | |
| | Шартнома оид ба сабти байналмилалии асарҳои аудиовизуалӣ | | | | |
| | Конвенсия оид ба фонограммаҳо | | | | |
| | Конвенсия оид ба радифҳои маснӯи Замин (спутникҳо) | Иштирокчӣ | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Конвенсияи бисёрҷониба оид ба пешгирии андозситонӣ аз маблағи мукофоти муаллифӣ | | | |
| Моликияти саноатӣ | Конвенсияи Париж дар бораи ҳифзи моликияти саноатӣ | Иштирокчӣ | Конвенсияи авроосиёии патентӣ | Иштирокчӣ |
| | Созишномаи Мадрид оид ба пешгирии ишораҳои қалбакӣ ё баиштибоҳоваранда дар мол | | Созишнома оид ба чораҳо роҷеъ ба огоҳонӣ ё пешгирии истифодаи тамғаҳои қалбакии молӣ ва ишораҳои географӣ | Иштирокчӣ |
| | Шартномаи Найроби дар бораи ҳифзи рамзи олимпӣ | Иштирокчӣ | Созишнома оид ба таъминоти тарафайни ҳифзи сирҳои байнидавлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии ихтироот | Иштирокчӣ |
| | Шартномаи Вашингтон оид ба моликияти зеҳнӣ нисбат ба микросхемаҳои интегралӣ | | Консепсияи ташаккули захираҳои миллии маълумот ва ташкили мубодилаи байнидавлатии иттилоот оид ба огоҳонӣ ё пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ | Иштирокчӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Шартнома оид ба қонунҳо дар бораи тамғаҳои молӣ | | Созишнома оид ба стандарти ягонаи гардиши объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё офарида шудаанд | Иштирокчӣ |
| Шартнома оид ба шарикии патентӣ | Иштирокчӣ | | |
| Шартнома оид ба ҳуқуқи патентӣ | | | |
| Шартномаи Будапешт дар бораи эътирофи байналмилалии маҳфуздории микроорганизмҳо бо мақсади расмиёти патентӣ | Иштирокчӣ | | |
| Созишномаи Мадрид дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо | Иштирокчӣ | | |
| Созишномаи Лиссабон оид ба ҳифзи номгузориҳои маҳаллӣ ва сабти байналмилалии онҳо | | | |
| Созишномаи Гаага оид ба маҳфуздории байналмилалии намунаҳои саноатӣ | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Созишномаи Страсбург оид ба таснифи байналмилалии патентӣ | Иштирокчӣ | | | |
| | Созишномаи Нитс оид ба таснифи байалмилалии молҳо ва хизматҳо барои бақайдгирии тамғаҳо | Иштирокчӣ | | | |
| | Созишномаи Локарн оид ба таъсиси таснифи байналмилалии намунаҳои саноатӣй | Ҳамроҳ шудааст | | | |
| | Созишномаи Вена оид ба таъсиси таснифи байналмилалии унсурҳои тасвирии аломатҳо | Иштирокчӣ | | | |
| Конвенсияи таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ | | Аъзо | | | |
| Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ | | | | | |

Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ шарти зарурӣ буда, имкон медиҳад, ки тамоюлҳои муосир дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ ба назар гирифта шаванд. Ин раванд бояд ба афзалиятҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, таҳқиқоти илмии масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт ва таҳлили ҳамаҷиҳатаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ асос ёфта бошад.

19. Саноатикунонии объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми назаррас мегузорад. Дар ин маврид ба ин соҳаи иқтисодиёт технологияҳои нав, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ таъсири зиёд доранд. Қонунгузории мувофиқ ба стандартҳои муосир аз ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста бояд барои эҷодиёт ва ҳифзи инвеститсия, ки ба рушди он, таъмини баробарии манфиатҳои муаллифон ва дигар ҳуқуқсоибон, истифодабарандагон, ҷомеа, давлат, ҳамчунин истифода ва ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар муҳити рақамӣ нигаронида шудаанд, шароити мусоид фароҳам оварад.

Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ аз зарурати рушди минбаъдаи қонунгузории

миллӣ доир ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба мақсади такмили шароити ҳифзи объектҳои алоҳидаи ин ҳуқуқҳо, аз ҷумла барномаҳои компютерӣ ва захираи маълумотҳо, ниҳоди асарҳои хизматӣ, шартномаҳо оид ба истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва муқаррароти қонунгузории амалкунанда шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти бештар афзояндаро барои гардиши иқтисодӣ иттилооти махфии хусусияти техникӣ, ташкилӣ ё тиҷоратидошта соҳиб аст. Дар савдои ҷаҳонӣ ҳаҷми аҳдномаҳо, ки мавзӯи онҳо сирри истеҳсолот (ноу-хау) мебошад, бо ҳаҷми савдои иҷозатдодашуда, ки ба патентҳои додашуда асос ёфтааст, муқоисашаванда мебошад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқии иттилооти махфӣ (махсус) такмилро тақозо мекунад.

### § 3. Такмил ва рушди инфрасохтори низоми ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва идоракунии он

20. Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори зерини низоми таъмини ҳифзи моликияти зеҳнӣ вуҷуд доранд, ки дар сатҳи давлатӣ ва мустақилона таъсис дода шудаанд:

а) Инфрасохторҳои давлатӣ:

- Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазифаҳои он аз инҳо иборат аст: сабт ва додани патент ба ихтироот, намунаҳои саноатӣ; сабт ва додани шаҳодатномаҳо ба тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ.
- Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба вазифаҳои он сабт ва додани шаҳодатнома ба навъҳои нави растанӣ ва зоти чорво дохил мешавад.
- Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли воҳиди сохторӣ (шӯъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста), ки ба вазифаҳои он пешниҳоди маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ба муаллифон ва бо хоҳиши онҳо додани шаҳодатномаҳои муаллифӣ, ҳифз намудани манфиатҳои қонунии муаллифон ва ворисони онҳо ҳангоми истифодаи асарҳои илм, адабиёт ва санъат дар Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, назорат намудани дурустии пардохти ҳаққи қалами муаллифон аз ҷониби муассисаву идораҳои ҷумҳурӣ дохил мешавад.

б) Иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо:

- Иттифоқ ва иттиҳодияҳои гуногун (нависандагон, оҳангсозон, рассомон, синамогарон ва монанди ин).
- Идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои амволии муаллифон.

21. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ҳифзи моликияти зеҳнӣ инфрасохтори зарурии сатҳи давлатӣ мавҷуд буда, инчунин заминаи зарурии ҳуқуқӣ барои амалисозии ҳифз дар сатҳи иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо фароҳам оварда шудааст. Вале нисбат ба онҳо сиёсати давлатии ягона дар ин соҳаи ҳаётан муҳим амалӣ карда намешавад. Дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият ҷиҳати мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ фаъолият кунад ҳам, вале ин кифоя буда, самаранокии кори он назаррас нест.

Вобаста ба самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи афзалиятдошта дар марҳилаи кунунӣ рушди минбаъдаи инфрасохтори низоми ҳифз ва идораи моликияти зеҳнӣ мебошад. Ин амалисозии чорабиниҳоро оид ба рушди инфрасохтори соҳавӣ ва минтақавии ҳифз ва идоракунии моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла муносибгардонии фаъолияти Маркази миллии патенту иттилоотии назди Вазорати рушди иқтисод ва

савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳиди сохтории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаи моддию техникӣ ва таъминоти кадрии он, ба вуҷуд овардани низоми назорат ва танзими бозори моликияти зеҳнӣ, такмили низоми идоракунии дастаҷамъонаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста, механизми ҳимояи моликияти зеҳнӣ, ташкили кори ваколатдорони патентиро талаб мекунад.

Дар доираи Барнома амалисозии чорабиниҳое, ки ба рушди инфрасохтори соҳавӣ ва минтақавии ҳифз ва идоракунии моликияти зеҳнӣ нигаронида шудаанд, идома дода мешавад. Амалисозии ин чорабиниҳо иҷрои корҳои зеринро пешбинӣ мекунад: таъсис ва таҳкими хадамоти патентию литсензионӣ дар вазорату идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ; бо мутахассисони касбӣ таъмин намудани ин хадамот; ташкили кӯмакҳои моддӣ ба манфиатдорон дар ин самт; таҳияи заминаваи меъёрии ҳуқуқии мувофиқ.

22. Амалисозии чорабиниҳои ташкилию техникие ба назар гирифта шудааст, ки ба муносибсозии фаъолияти Маркази миллии патенту иттилоотии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳиди сохтории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, аз ҷумла: таъмини макони зарурии ин марказ, ки ба маблағгузорӣ ва таъминоти кадрии фаъолияти он мувофиқ бошад; таҳкими заминаи моддию техникӣ; татбиқи технологияҳои муосир; ҷиҳозонидани ҷойҳои кори таъсисдодашуда; ташкили баландбардории тахассус, такмили ихтисос ва коромӯзии кормандони соҳаи моликияти зеҳнӣ.

Тавре маълум аст, дар Маркази миллии патенту иттилоот таъсис додани Интернет-портали Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 пешбинӣ гардидааст. Вобаста ба қабули Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 мувофиқи мақсад аст, ки Интернет-портали ягонаи ин ду Барнома таъсис дода шавад. Дар ин маврид, дастрасии васеъ ба шабакаи ҷаҳонии Интернет таъмин гардида, шабакаи марказҳои иттилоотии тамосии муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, вазорату идораҳо, сохторҳои дигар ташаккул дода мешавад.

Табиист, ки номгӯйи маълумотҳое, ки дар Интернет-портал ҷойгир карда мешаванд, таввассути таъмини иттилоотии амалкардаи низоми моликияти зеҳнӣ дар мамлакат хеле меафзояд.

Ҳамин тариқ, Маркази миллии патенту иттилоот ба маркази асосии мамлакат оид ба таъмин намудани иттилоот ба иҷрокунандагони ин ду Барномаи афзалиятдошта табдил меёбад, ки амалисозии онҳо барои рушди равандҳои инноватсионӣ ва барои афзоиши минбаъдаи нақши нерӯи зеҳнӣ ва моликияти зеҳнӣ дар ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ аҳамияти хеле муҳим дорад.

Вобаста ба зарурати таъмини амалисозии сиёсати самараноки давлатӣ ҳангоми ҳал кардани вазифаҳои чандзинагӣ оид ба ҳифз, арзёбӣ, интиқоли ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ва назорат ба истифодаи онҳо, дар заминаи Маркази миллии патенту иттилоот таъсис додани воҳиде мувофиқи мақсад аст, ки он мониторингро дар самти арзебӣ, интиқол ва истифодаи ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ҳамчунин роҳбарии методиро ба фаъолияти манфиатдорон дар ин самтҳо, аз ҷумла, оид ба масъалаҳои патентигардонии хориҷии объектҳои моликияти саноатӣ, интиқоли технологияҳои дутаъинот таъмин намояд.

23. Самти муҳими амалисозии чорабиниҳо оид ба такмили ташкили корҳои ваколатдорони патентӣ - ин баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои онҳо, ташкили омодагии касбии онҳо, баланд бардоштани тахассус ва такмили ихтисос мебошад.

Дар ин маврид тавассути ба вуҷуд овардани низоми асноди меъёрии

ҳуқуқӣ бояд ҳукуқ ва манфиатҳои қонунии муаллифон, ташкилотҳои таҳиягар ва инвесторҳо, аз ҷумла давлат таъмин карда шуда, низоми муассири ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳамчунин танзими возеҳи амалисозии ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ, ки ба ҷалби маблағҳои буҷетӣ ба вуҷуд оварда шудаанд, ташаккул дода шавад.

Амалисозии чораҳои зикршуда имкон медиҳад, ки ҳавасмандгардонии эҷодиёт, ҳифз ва рушди нерӯи зеҳнии мамлакат, фароҳам овардани шароити мусоид барои нигаҳдории рақобатпазирии иқтисодиёти ватанӣ ва рушди содирот, нигаҳдории воридоти технологияҳои пешқадам ва фаъолгардонии равандҳои инвеститсионӣ дар саноати ватанӣ таъмин карда шавад.

## § 4. Пешгирӣ ва бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ

24. Устувории муносибатҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, ҳамчунин қаноатмандии иштирокчиёни он аз бисер ҷиҳат ба сатҳи пешгирӣ ва бартараф кардани ҳуқуқвайрокуниҳо дар ин соҳа вобаста аст.

Айни замон дар доираи низоми ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирт кардани ҳуқуқвайрокуниҳо бо тартиби муайяни қонунгузориҳои зерини соҳавӣ таъмин карда мешавад:

Қонунгузории гражданӣ, ки дар чаҳорчӯбаи он ҳуқуқвайрокуниҳо тариқи амалиёти фаъолонаи худи эҷодкор бо истифодаи тарз ва воситаҳои гражданию ҳукуқӣ пешгирӣ карда мешаванд;

Қонунгузориҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ, ки дар чаҳорчӯбаи он ба ҳуқуқвайронкунандагон мақомоти ваколатдори давлатӣ дар доираи салоҳияти худ мубориза мебаранд. Вале дар ин ҷо пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба талабот ва иштироки фаъоли худи шахсони манфиатдор вобаста мебошад.

Қонунгузории гумрук, ки дар доираи он назорат ба гардиши объектҳои моликияти зеҳнӣ амалӣ карда мешавад.

Меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузориҳои мавҷудаи гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ҳифзи моликияти зеҳнӣ заминаи кофӣ ба вуҷуд меоваранд.

Масалан, ба мақсади пешгирӣ кардани маҳсулоти ғизоии қочоқ ва қалбакӣ дар бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ", "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунадагон", "Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ"-ро ба роҳбарӣ мегирад.

Дар натиҷаи гузаронидани тафтишот ва назорати давлатӣ кормандони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо дар соли 2011 19 ҳолат ва дар давраи се моҳи соли 2012 6 ҳолати вайрон намудани талаботи қонунгузории соҳаи моликияти зеҳниро ошкор намуданд. Аксарияти ин қонунвайрокуниҳо ба фурӯши маҳсулоти ширкат ва корхонаҳои дигар бо истифодаи тамғаҳои молии қалбакӣ алоқаманд мебошанд.

Яке аз сабабҳои асосии паҳншавии маҳсулоти қалбакӣ дар ҷумҳурӣ, ин пеш аз ҳама паст будани маърифати ҳуқуқии истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон мебошад. Дар ин самт мебояд корҳои тавзеҳотӣ ба воситаи гузаронидани семинар-машваратҳо бо истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон амалӣ карда шуда, ҳамзамон тариқи васоити ахбори омма амалӣ намудани корҳои тавзеҳотӣ пурзӯр карда шаванд.

Барои таҳкими ҳимояи бозори истеъмолии ватанӣ зарур аст, ки дар

қонунгузории мамлакат як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Бо мақсади беҳтар кардани кори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо мебояд, ки ба ниҳодҳои ҳамшабеҳи хориҷӣ мутахассисон барои коромӯзӣ ва азхудкунии усулҳои муосири ҳифзи моликияти зеҳнӣ фиристонида шаванд.

Маҳсулоти "дуздӣ" - аз молҳои оддӣ то доруҳои табобатӣ ва маҳсулоти ғизоӣ - ҳоло ба бозори истеҳсолии мамлакат ворид мешаванд. Корҳои зиёдеро анҷом додан мебояд, то пеши роҳи паҳншавии маҳсулоти қочоқ ва қалбакӣ гирифта шавад.

25. Солҳои охир дар ҷаҳон истеҳсолоти ба ном организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ модификатсияшуда ва маҳсулоти ғизоии дорои ингредиентҳои аз ҷиҳати генетикӣ модификатсияшуда паҳн гардидааст. Истеҳсолоти назоратнашаванда ва содироти ин гуна организмҳо ва маҳсулоти ғизоӣ ва паҳншавии онҳо дар гардиши тиҷоратӣ метавонад ба саломатии инсон зарари зиёд оварда, ҳолати экологиро бад гардонад ва ба рақобатпазирии маҳсулоти ғизоии ватанӣ таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин, зарур аст, ки ба асноди қонугузории амалкунанда, аз ҷумла ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии биологӣ" ислоҳу иловаҳо ворид карда шавад, то тартиби батанзимдарорӣ, иҷозатномадиҳӣ ва воридсозии ин организм ва маҳсулоти ғизоӣ муқаррар карда шавад.

